# ҚАРОРИ

## маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-065
## назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз 06 - уми майи соли 2023 шаҳри Душанбе

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзуи «Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ» (ҳимояи такрорӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, тақризи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои кишоварзӣ, мудири шуъбаи зироатҳои равғандиҳандаи Институти зироаткории АИКТ Нарзулоев Тош Садулоевич, тақризи мушовири илмӣ, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи зироаткорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорвои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширин-шоҳ Шоҳтемур Норов Мастибек Самадович, тақризи муассисаи пешбар- Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, баромади муқарризи расмӣ, доктори илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи биохимияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Алимуродов Абдузоҳид Султонович, тақризи муқарризи расмӣ, номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири кафедраи агроэкология, механиконӣ ва технологияҳои кишоварзии Донишгоҳи давлатии Данғара Музафарзода Даврон Маҳмадшариф, инчунин баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: доктори илмҳои кишоварзӣ Ахмедов Т.А., доктори илмҳои кишоварзӣ Саидзода С.Т., доктори илмҳои кишоварзӣ Сардоров М.Н., доктори илмҳои кишоварзӣ Маҳмадёрзода У.М. дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи Шурои диссертатсионӣ оид ба кори диссертатсионии Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзуи «Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ» бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асос-нокшуда, навгонӣ, аҳамияти натиҷаҳо ва хуло-саҳои диссертатсия, Шурои диссертатсионӣ

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзуи «Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ» (ҳимояи такрорӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипар-варӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи "Низомномаи Шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент ва профессор)", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқи-қотро инъикос менамоянд.
3. Ба Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дараҷаи илмии номзади илмҳои кишо-варзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар-хост карда шавад, ки қарори мазкури Шурои диссертатсиониро тасдиқ намояд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Маҳмадёрзода У.М

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои биологӣ Исмоилов М.И.